**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи “Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

“07” 07 соли 2025 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М – раиси комиссия; Ҳикматов У.С. доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент - аъзои комиссия; Убайдуллоев Ф.К номзади илмҳои иқтисодӣ, - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонов Вафо Намозалиевич хулосаи зеринро қабул намуд:

## I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи “Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт” барои дарёфти доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Қурбонов Вафо Намозалиевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), мувофиқат мекунад.

Қурбонов Вафо Намозалиевич, 1-уми январи соли 1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2016 Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “Кори бонкӣ” хатм намудааст.

Соли 2016 ба шӯъбаи магистратураи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда соли 2018 онро аз рӯйи ихтисоси кори бонкӣ хатм намудааст. Ҳамзамон бо ин, соли 2021 ба ҳайси докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул шуда, онро соли 2024 хатм намудааст.

Фаъолияти кори худро соли 2016 ба сифати танзимгари факултети "Энергетика ва телемомуникатсия"-и Колеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ шуруъ намуда, айни замон муаллими калони кафедраи молия ва ҳисобдории колеҷи мазкур мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич "Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт" дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28.02.2022, протоколи №7/5.12 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

## II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи "Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт" барои дарёфти доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд

Муқарраароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, аз он 3 мақола дар алоҳидагӣ, ки ба талаботи банди 35-уми «Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

## IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

## V. Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи “Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт” барои дарёфти доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Умаров Хоҷамаҳмад, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқотии саёҳии Институти илмию таҳқиқотии саёҳӣ ва соҳибкории ББССТ;

- Қурбонова Фируза Алиҷоновна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳикматов У.С.

номзади илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ Убайдуллоев Ф.К.